# Бори каҷ ба манзил намерасад

Рисолати инсони соҳибдилу соҳибхирад ва дурандешу накупеша ҳамеша дар паи ободӣ, ободсозӣ, худсозию худшиносӣ баҳри ватану миллаташ аст. Вай бар он талош менамояд, ки вайронаеро обод созад, хизмати модар - ватан кунад, ки обрӯю эътибори миллаташро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардорад. Ба ин поя танҳо онҳое мерасанд, ки ба қадру қимати на танҳо ҳамватанон, ҳамзабонҳо, балки кулли инсон мерасанд. Вале инсони камхирад, инсони ҳарису чизпараст бо андак маблағе қодир аст ба миллату ватан хиёнат кунад, ватанашро фурӯшад, онро оғуштаи хун созад. Шиори ин ашхос «гӯр сузаду дег ҷӯшад» аст. Ҷиноятҳоеро, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ душманони миллат бо дастгирии маблағҳои хориҷӣ содир намуданд, алалхусус қатли доишмандону рӯзноманигорон, ин як амалест, ки ҳамаҷони ба ҳадафи Заҳҳоки Морон монанд аст. Яъне қатли аҳли хирад, маънии аз байн бардоштани акл ва ҷорӣ намудани торикбинӣ ва ҷаҳолатро дошт.

Мо устодони ДДТТ аз он изҳори таассуф менамоем, ки ин «Заҳҳокон» аз ҷониби давлати ба мо ҳамзабон, ҳамфарҳанг, ҳамтаъриху ҳамқисмат, яъне Эрон дастгирӣ ёфтанд.

**Гурӯҳи устодони**
**Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон**